**“Тасдиқ мекунам”**

Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон д.и.и., профессор__________ Ш.Раҳимзода

«__22__» «____12____» соли 2023

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба кори диссертатсионии Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи “Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10-Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**

**1.Таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба талаботи бандҳои зерин Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10-Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ мувофиқат менамояд: 10.1.Коркарди муаммоҳои илмӣ идоракунӣ ва методҳои маърифати он.Ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои фаннӣ ва байнифаннии идоракунӣ; 10.2. Моҳият, сохтор ва вижагиҳои фарққунандаи низоми идоракунии оммавӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити кунунӣ. Усули (принсипҳои) ташкил, захираҳо ва раванди идоракунии оммавӣ.

**2.Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**. Идоракунии рушди босуботи иқтисодро ҳамчун механизми идоракунии захиравӣ ё худ ҳамгироӣ дар ҷаҳон шинохта шудааст, ки он бевосита нишонагирӣ бо дуруст ҷо ба ҷо гузоштани захираҳо ва истифодаи самаранокии баланди онҳо барои таъмини талаботи имрӯза бо назардошти талаботи оянда пурра равона карда шуда, то корхонаву ширкатҳо қудрату тавонмандиеро пайдо

созанд, ки ба ҳолати зудтағйирёбандагии бозори глобалии ҷаҳонӣ зуд худро мутобиқ созанд ва дар ҳама ҳолатҳо рақобатпазирии устувори бозори ҷаҳонии хеш бошанд.

Идоракунии рушди босубот, аз ҷумла барои Тоҷикистон метавонад модели рушдёбандагии стартегӣ бошад. Вазифаи дигари асосии дурнамои рушд ба миён овардани шароит барои гузаштан ба иқтисодиёти мутараққӣ ва дар асоси стратегияи рушди босуботи идоракунии иқтисодӣ-индустриалӣ-инноватсионӣ мебошад.

Вазифаи муҳими дигари идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ ин ба миён овардани муҳити арзандаи соҳибкорӣ, механизмҳои ҷалби сармояи хориҷӣ, азхудкунии захираҳои табиӣ, ташкили корхонаҳои бепартов, тоза нигоҳ доштани муҳити зист, зиёд намудани истихроҷи маъдан ва бо саноат ҷалб намудани онҳо ва дигар масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки дар оянда бо рушди босуботи  иқтисодӣ нигаронида шудааст.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар асоси таъмин намудани рушди босуботи иқтисоди мақсади олии рушди дарозмуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки «Умуман ҳуҷҷати мазкур нақшаи директивии амалиёт барои тамоми мақомоти идоракунии давлатӣ ва нақшаи инфиродии амалиёт барои бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, барномаҳои ёрии техникию молиявӣ ба мамлакат ба он асос меёбанд». Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар қатори самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ миллӣ дар солҳои оянда инчунин, оид ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ вазифа ба миён гузошта шудааст. Масалан, барои саноатӣ истихроҷ афзоиши баландтарини ҳаҷми истеҳсол 5,7 маротиба аз рӯйи стенарияи индустриалӣ ва 6,4 маротиба аз рӯйи стенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ пешбини гардидааст. Мувофиқи  Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, иктишоф ва истихроҷи маъданҳои фойиданок

(тилло, нукра, сангҳои қиматбаҳо ва ғайра) яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисод ба шумор меравад.

**3.Дарачаи навгонии натичаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Навоварии илмии таҳқиқотӣ.** Ба натиҷаҳои асосие, ки дар онҳо элементҳои илмии навовариҳои тадқиқот нигоҳ дошта мешаванд ва предметҳои ҳимояшаванда ба шумор мераванд, инҳо дохил мешавад:

- моҳият ва мафҳуми механизми идоракунии рушди босуботи иқтисодиёти истифодаи сарватҳои табиӣ таҳқиқ шуда, нуқтаи назарияи муаллиф нисбат ба ин мафҳумҳо ифода ёфтаанд, имкон медиҳанд,ки моҳияти гурӯҳбандии захираҳои табиӣ ҳамчун раванди васеъкунони ва такмилдиҳии сохтори идоракунии соҳавии иқтисодӣ, ичтимоӣ ва экологӣ равона гардида ба истифодабарии самараноки иқтидори табиӣ-захиравӣ бо мақсади таъминоти рушди босубот ва баландбардории рақобатпазирии идоракунии иқтисодиёт равшану возеҳ карда шаванд;

- аз нигоҳи назаривӣ-консептуали исбот карда шудааст, ки зарурият ва моҳияти иқтисодӣ экологии такмилдиҳии механизмҳои менеҷменти идоракунии рушди босуботи иқтисодиёти захираҳои табиӣ ва равишҳои инкшофи он дар шароити муосир ба талаботҳои рушди идоракунӣ пешиҳод карда шавад;

- баҳогузории потенсиалӣ механизмҳои идоракунии захираҳои табиӣ вилояти Хатлон бузургтарин минтақаи мамлакат дар системаи комплексии иқтисодиёт-ичтимоиёт экология сиёсат афзалиятнок ва имконияти потенсиалӣ риояи стандартҳои менеҷменти рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ таҳлилу барассӣ шуда, равишҳои навин пешниҳод шудааст;

- механизмҳи стратегии идоракунии давлатии рушди босуботи мамлакатро дар системаи ягонаи иқтисод-ичтимоиёт-экология-сиёсат муайян карда шудааст, ки омилҳои асосии таъсиркунанда ба сатҳи баҳодиҳии рушди иқтисодиёти хурд дар дурнамои дарозмуддат дар шароити иқтисодӣ-ичтимоӣ исбот карда шудаанд;

- илман асоснок карда шуданд, ки вобастагии такмилдиҳии механизмҳои идоракунии стратегии менеҷменти истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ ба захираҳои молиявию меҳнатӣ ва механизмҳои такмилдиҳии идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ аз нигоҳи назариявӣ ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ мувофиқ гардонида шавад;

- ҷанбаҳои методии арзёбии рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ такя ба омӯзиши назарияҳо-методологияҳои илмӣ кор кард шуда, дар он рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ ҳамчун заминаи нигоҳдошт ва ташаккули иқтидори иқтисодию иҷтимоӣ ва муҳити зистро доро мебошад, мавриди баррасӣ қарор гирифта, индикаторҳо, принсипҳо ва омилҳои низоми рушди босубот арзёбӣ гардидаанд.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия**

1. Заминаҳои пайдоиш, моҳият ва аҳамияти механизмҳои инноватсионии идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ ва риояи қоидаҳои рушди босуботи иқтисодӣ ҳамчун мафҳуми махсуси таъминкунандаи устуворнокии идоракунии истифодаи табиат;

2. Механизми танзими давлатии истифодаи захираҳои табиӣ, аз маҷмуи санадҳо ва қонунҳою механизмҳои идоравӣ ҳамчун равишҳои илми консептуалии ҳавасмандгардонӣ, маблағгузорӣ ва фишангҳои назоратии менеҷмент ва механизмҳои қабули қарори роҳбарӣ пешниҳод шудаанд;

3. Ҷанбаҳои методии идоракунии механизмҳои рушди босуботи иқтисодии истифодаи захираҳои табиӣ баррасӣ шуда, асоснок карда шудааст, ки вазъи рушди босубот дар асоси унсурҳои методӣ, аз он ҷумла методҳо ва индикаторҳо (нишондиҳандаҳо) баҳогузорӣ гардида, омилҳои асосии он муайян карда мешавад;

4. Ҳолатҳои механизмҳои идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ ва баҳогузории потенсиалӣ табиӣ захиравии вилояти Хатлон, афзалияти рақобатпазирӣ ва имконияти потенсиалии идоракунии

менеҷменти рушби босуботи вай дар комплекси саноатии Тоҷикистон исботи илмиву назариявӣ карда шудаанд;

5. Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва консепсияҳои стандартии идоракунии давлатии рушди босуботи ташкилотҳои байналмилаливу минтақавӣ имкон дод, ки ҷузъиёти муҳими механизмҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи мазкур азхуд карда, дар амал татбиқ шаванд;

6. Марҳилаҳои асосии ташаккули консепсияҳо ва барномаҳои стратегии рушди менеҷменти давлатӣ такмили идоракунӣ ва механизмҳои ояндабинӣ стратегии менеҷменти корхонаҳо оид ба рушди босуботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологӣ барои солҳои 2030-2050 пешниҳод карда шудааст.

**4.Дараҷаи асоснокӣ ва муътамад будани диссертатсия.** Бо ҳамаи мушкилот ва дастовардҳо нигоҳ накарда, масъалаи такмили механизми идоракунии самараноки захираҳои табиӣ ва нақшаи истифодаи он барои мамлакат, таҳлили воқеии иқтисодиёт ва нигоҳдории ҳифзи муҳити зист нишон дода нашудааст, ки ин масъала дар мамлакатҳои хориҷӣ ба таври васеъ таҳқиқ гардидааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур қисман мавриди омӯзиш ва таҳлили олимонӣ ватанӣ қарор гирифтааст.

Мушкилоти баҳогузории равишҳои алоҳидаи такмили механизми идоракунии захираҳои Тоҷикистон мавриди омӯзиши кам қарор гирифта ин метавонад мушкилоти таъмини самаранокии аз худ намудани онҳоро бо дарназардошти ҳолатҳои экологӣ ва тағйирёбии пасти иқтисодиро ба вуҷуд орад.

**5. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Ҳалли муаммоҳо дар он фаҳмида мешавад, ки қонунияти объективии табиат вуҷуд доранд, ки бояд одамон ба онҳо итоат кунанд. Аммо дар шароити ҳозира ин қонуният аз тарафи олимон ба таври кофи омӯхта нашудаанд.

Аз ин ҷост, ки дар бисёр ҳолат омӯхтани сабаби мувофиқ наомадани байни ҳолати табиию меъёрӣ ва воқеии вазъи идоракунии низоми табиию хоҷагидорӣ ғайриимкон аст.

Дар амалия истифода намудани натиҷаҳои илмӣ барои такмили механизми инноватсионии идоракунии рушди босуботи истифодаи сарватҳои табиӣ мамлакат ва стратегияи ояндабинии он барои солҳои 2030-2050-ум моҳияти хеле соддакунии рушди босуботро дорад.

Паҳлӯҳои алоҳида, хулоса ва тавсияҳои рисолаи диссертатсионӣ метавонад дар барномаҳои таълимӣ барои фанҳои зерин «Менеҷменти экологӣ», «Менеҷменти хиради роҳбарӣ», «Менеҷменти стратегӣ», «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Идоракунии сармоягузорӣ», «Иқтисодиёти сарватҳои табиӣ» ва инчунин, дар нақшаҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд.

## Мазмуни кори диссертатсионӣ

**Дар боби якум "Асосҳои консептуалӣ-назариявии ташаккулёбии механизми идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ"** унвонҷӯй ҳолати масоили такмили механизми идоракунии экологӣ-иқтисодии имрӯзаро яке аз проблемаҳои асосӣ дар шароити ҳозира номида равишҳои назариявӣ ва консептуалии онро аз нигоҳи олимони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш ва азхудкунӣ қарор додааст, ( Саҳ.22).

Муаллиф дар заминаи омӯзиш панҷ давраи тағйирёбии ҷаҳонии муаммоҳои рушди босуботи истифодаи захираҳои табииро аз асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки нисбат ба моҳияти такмилдиҳӣ ва идоракунии захираҳои табиӣ тавсифҳои гуногунро дар бар гирифтаанд тавсиф намудааст,(Саҳ. 23). Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки масъалаҳои илмии мавзуъ, пеш аз ҳама, зарурати таъсиси консепсияи мукаммали идоракунӣ ва истифодаи захираҳои табииро тақозо менамояд, ки бояд марҳилаҳои пайдарҳами зеринро фаро гиранд аз ҷумла нигоҳдории ҳифзи муҳити зист, ташкил намудани истеҳсолоти бепартов, такмилдиҳии барномаҳои соҳаи мазкур, муқаррар кардани вазифаҳо ва дигар мақсадҳо, муайян кардани приснипҳои донишҳои илмӣ, ҷамъоварӣ ва ташкили истифодаи амалии онҳо мавриди

баҳрабардорӣ мавқарор дорад. Дар натиҷа, ифлосшавии бемайлони муҳити табиӣ ба атмосфера бухор гашта, ҳаворо исфлос гардонидани партовҳо, боридани партовҳои кислотавӣ мушоҳида мешаванд, ки ин албата ҳаёти одамонро зери хатар гузошта, боиси ба ҳар гунна бемориҳо дучор гаштани онҳо мебошад, (Саҳ. 24). Пеш аз ҳама рушди босуботи иқтисодӣ имкон медиҳад, ки бозори дохилии мамлакат бо молу хадамоти зарурӣ таъмин карда шуда, ҷойҳои кори зиёд гардад ва дар ин асос манбаҳои даромади аҳолӣ ва давлат густариш ёфта, қобилияти харидории аҳолӣ ва сатҳи зиндагии он боло раванд.

**Дар боби дуюм “Таҳияи механизмҳои танзим ва идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ Тоҷикистон”** муаллиф бо мушаххас намудааст,ки афзудани миқдори корхонаҳои хурди саноатӣ дар минтақаҳо, зиёдшавии нақлиёт дар минтақаҳои мамлакат истифодаи зиёди нуриҳои кимиёвӣ боиси ифлос шудани ҳаво мегардад. Дар системаи идоракунии экологӣ мақоми махсусро шуъбаи менеҷменти экологии корхонаҳо мебозад, ки дар баъзе корхонаҳои хурд мутахассис оид ба экология фаъолият дорад, (Саҳ.76).

Зимни таҳлил муайян карда шудааст, ки ҳаҷми истеҳсолӣ захираҳои табиӣ ва роҳҳои афзун намудани он ба саноатӣ коркард бояд такмил дода шавад, дар ҳамин ҷода муаллиф масъалаҳои асосии таҳлили маблағгузорӣ ва нигоҳдории муҳити зист, масоҳати заминҳои таназзулёфта ва механизмҳои батанзимдарории онҳоро мавриди омӯзиши худ қарор додааст, (Саҳ.80).

Ба андешаи муаллиф нишондиҳандаҳои мақсадноки идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ, коҳиш додан таъсиррасонӣ ба дигаргуншавии муҳити зисту солимии ҷомеа ва кам кардани партовҳову хароҷоти энергетикӣ дар сатҳи миллию минтақавӣ дар роҳи амалисозии равишҳои фарҳангии сарватшиносиву созандагӣ як қадами бузургро мемонад, (Саҳ.86).

Дар таҳқиқот дарҷ гардидааст, ки дар шароити имрӯза яке аз вазифаҳои муҳими давлатӣ кӯмак расонидан ва ташкили корхонаҳои

нави нишонагирии экологӣ дошта ва технологияи навтарини бепартов буда, инчунин ба андозсупории имтиёзнок гузаронидани ташкилотҳое, ки маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза бароварда, ба системаи бепартов мегузаранд, (Саҳ.85).

Зимни гузаронидани таҳлилҳо унвонҷӯйи системаи стандартҳои байналхалқии ISO 14000 дар асоси стандартҳои BS 7750 ва инчунин аз рӯи системаи стандартҳо сифати маҳсулот ISO 9000 кор карда шудаанд.

Нисбат ба дигар стандартҳои мавҷуда ин стандартҳо ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва технологӣ нигаронида шудаанд.

Предмети асосии стандарти ISO 14000 системаи менеҷменти экологӣ буда, равияҳои гуногунро дар бар гирифта дар таҳқиқоти худ нишон додааст, (Саҳ.86). Ба андешаи муаллиф сиёсати экологии идоракунии корхона ин арзишмандии корхона оид ба ниятҳо ва қоидаҳои худ аст, ки барои таъмини самаранокии экологӣ, асоси фаъолият ва банақшагирӣ мебошад, (Саҳ.86).

**Мазмуни асосии боби сеюм "Таҳияи механизмҳои танзим ва идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ Тоҷикистон".** Аз ҷониби унвонҷӯй вазъи иқтисодию иҷтимоии Вилояти Хатлон мавриди омӯзиш ва азхудкунӣ қарор гирифта, дар рисола дарҷ шудааст, ки Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати захираҳои табиӣ, олами растанӣ, заминҳои бойи корам, бо иқтидори бузурги инфрасохтор ва бахшҳои агросаноатӣ, ки маҳсулотҳои он дар саросари кишвар ва берун аз он истеъмол карда мешавад шинохта шудааст, (Саҳ.163).

Дар диссератсия дарҷ гардиддаст, ки бухронҳои ҷаҳонии молиявию ашёи хоми табиӣ, бухрони озуқавории ҷаҳонӣ, норасоии захираҳои энергетикӣ, тамомшавӣ ва камшавии сарватҳои табиӣ, афзоиши биёбоншавию хушкшавии минтақаҳою бахрҳо ва нобудшавии ҷангалзорҳо, ҳарчӣ зиёдшавии партовҳои заҳролуди саноатӣ, зиёдшавии истеҳсоли нӯриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва дигар пайвастагиҳои кимиёвии зараровар, ба қашшоқӣ гирифтор шудани қисме аз халқу давлатҳо, афзоиши бемайлони бемориҳои сирояткунанда, тез пиршавии

аҳолӣ, қисме аз муаммоҳои экологии минтақа ва ҷаҳон мебошад, (Саҳ.144).

Дар заминаи ҷамъбасти меъёрҳои илман асоснокшуда муаллиф истифодаи як қатор меъёрҳои баҳогузории самараноки идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табииро пешниҳод намудааст.

Ба ақидаи ӯ такмили методҳои баҳогузории азхудкунии захираҳои табиӣ ва ҷалби онҳо дар саноатӣ коркард, нигоҳдории муҳити зист, механизмҳои паст кардани шӯршавии заминҳо, мақсаднок истифода бурдани олами растанӣ, зиёд намудани хоҷагии ҷангал ва дигар масъалаҳои мубрамияти соҳаи мазкурро дар рисола дарҷ намудааст, (Саҳ.158).

Дар хулоса хулосаҳои асосии назариявӣ ва тадбирҳои амалӣ пешниҳод гардидаанд, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқотро инъикос мекунанд, (С.200-201).

**Дар хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардидаанд.

**6. Интишороти натиҷаҳои диссертатсия** дар 23 кори илмии муаллиф, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Рисолаи диссертатсионӣ аз сарсухан, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт, ҷамъ аз 243 саҳифа иборат буда, фарогири 13-ҷадвал, 3-модел, 1-расм, 2-диаграмма мебошад.

## 7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои комиссия

Диссертатсияи Абдулов Дилшод Назарович ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад.

Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқарраротИ Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

**Эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда**

Ҳамин тариқ, диссертатсияи номзадии Абдулов Дилшод Назарович бо забони равону фаҳмои давлатӣ навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқот ҷавобгӯи талабот ва мавқеи намоёни назариявию амалиро соҳиб мебошанд. Диссертант дар диссертатсияи илмӣ зинаҳои гуногуни санҷишҳоро муваффақона паси сар намудааст.

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад.

Дар баробарӣ ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд,ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар муқаддима номҳои олимони ватанӣ, ки дар ин самт кор кардаанд, оварда шудаанд, аммо дар матн нуқтаи назари онҳо оид ба моҳияти идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ оварда нашудааст.

2. Таҳлил ва ташаккули менеҷменти экологии корхона камтар мавриди омӯзиш ва азхудкунӣ қарор дода шудааст. Хуб мешуд, ки ин

масоил пурратар ва чуқуртар таҳлил шуда, дар диссертатсия нишон дода шавад.

3. Дар матни параграфҳои 1.1. ва 1.2. ба назари мо такроршавии мазмунӣ вомехӯрад.

4. Ба механизмҳои иқтисодии идоракунии рушди босуботи зазираҳои табиӣ таваҷҷуҳи кам дода шудааст.

5. Бояд ҷои параграфи 2.2 ва 1.3 иваз шуда, механизмҳои инновасионии бехатарии иҷтимоӣ дар системаи идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ дар боби дуюм ба таҳлил фарогир мешуд.

6. Дар матн баъзан такроршавии калимаҳо ва хатогиҳои услубию граматикӣ дида мешавад.

Камбудиҳои ошкоргардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеъии диссертатсияро паст накарда, балки метавонад аппарати илмии кори диссертатсиониро мустаҳкам намояд.

**8.Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.**

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионии Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи "Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10-Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод гаштааст, мазмун ва хислати илмӣ-амалиро соҳиб аст.

Қобили қайд аст, ки диссертатсияи Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи "Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон" таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия - Абдулов Дилшод Назарович сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи № 9, аз 26 декабри соли 2023).

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 9 нафар, зид – нест, муқобил – нест.

**Раиси ҷаласа**
д.и.к., ходими пешбари илмии
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Садридинов С.

**Ташхисгар**
д.и.и., профессори Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ Мирсаидов А.Б.

**Котиби ҷаласа**
н.и.и., ходими пешбари илмии
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Шодиев Ҷ.Р.

Имзоҳои С. Садридинов, Мирсаидов А.Б. ва Ҷ.Р. Шодиев-ро тасдиқ мекунам.

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ** Қурбонов Э.Т.

Суроға: 734024 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44
тел/факс (+992 37) 221-67-50, E-mail: info@ied.tj Сомона: www.ied.tj